**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Суроға: 734025, ш. Душанбе, маҳаллаи
Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён,
бинои таълимии 7, ауд. 102**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) пешниҳод шудааст**

Имрӯз низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ яке аз бахшҳои муҳими низоми умумии баҳисобгирии муҳосибӣ буда, дар баробари ин ҳамчун низоми таъминоти иттилоотии асосии қабули қарорҳои идоракунӣ эътироф гардидааст. Бо ташкили дурусти баҳисобгирии идоракунӣ метавон самаранокии баланд ва таъсирбахшии қарорҳои идоракуниро таъмин кард. Барои он ки баҳисобгирии идоракунӣ ба ҳадафҳои худ ноил гардад ва вазифаҳои таъминоти иттилоотиро дар низоми идоракунии корхона иҷро кунад, он бояд усулҳои муосири технологияҳои иттилоотии рақамиро истифода барад, зеро технологияҳои рақамӣ ба фаврият ва саҳеҳии иттилооти дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ ташаккулёбанда таъсири мусбат мерасонанд. Истифодаи технологияҳои рақамӣ имкон медиҳад, ки ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ менеҷменти корхона ба иттилооти сариваќтӣ ва пурра дар бораи ташаккули хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, арзиши аслӣ, омилҳои дохилӣ ва берунии ба арзиши аслӣ ва самаранокии истеҳсолот таъсиррасон такя кунад.

Бо шарофати татбиқи технологияҳои рақамӣ акнун баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун воситаи муҳими идоракунии истеҳсолот, баҳисобгирӣ, таҳлил ва назорати хароҷоти истеҳсолӣ, тарзи асосии назорат ва ояндабинии вазъи фаъолияти истеҳсолию молиявии корхонаҳо рушд ёфта, ба роҳбарияти онҳо имкон пешниҳод менамояд, ки дигаргуниҳои дар фаъолияти молиявию истеҳсолӣ баамаломадаро мунтазам пайгирӣ ва идора карда, онҳоро ба баланд бардоштани самаранокии фаъолият равона кунанд. Истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ҳалли масъалаҳои анъанавии баҳисобгирии идоракуниро вусъат мебахшад, ки ин аҳамият ва мубрамии омӯзиши масъалаҳои рушди баҳисобгирии идоракуниро дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт тасдиқ мекунад.

Омӯзиш ва таҳлили муҳтавои автореферат нишон медиҳад, ки муаллиф ҳангоми навиштани диссертатсия вобаста ба мавзуи таҳқиқоти худ маълумоти зиёдро ҷамъоварӣ ва таҳлил намудааст. Ҳангоми таҳқиқот адабиёти зиёди таълифнамудаи муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ истифода шудааст, санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ, маводи ададӣ ва амалӣ аз низомҳои баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои соҳаҳои истеҳсолӣ, ҳисоботҳои муҳосибӣ ва идоракунии онҳо таҳқиқ карда шуда, дар асоси омӯзиш ва таҳлили онҳо муқаррароти назариявӣ ва амалии диссертатсия таҳия карда шудааст. Ҳамаи ин аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро баланд бардоштааст.

Омӯзиши мухтавои автореферат гувоҳӣ медиҳад, ки бахши назариявию методологии таҳқиқот барои илми баҳисобгирии муҳосибии муосир арзишманд аст, дар он ҷиҳатҳое баррасӣ шудаанд, ки дар дигар корҳои илмии ба таҳқиқи масъалаҳои рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ бахшидашуда ба назар намерасанд. Андешаҳои муаллиф дар бораи таҳаввули баҳисобгирии идоракунӣ ва арзёбии марҳилаҳои асосии рушди он (саҳ. 9-10 автореферат) ҷолиб мебошанд. Амсилаи таҳиянамудаи довталаби дараҷаи илмӣ, ки дар он робитаи байни баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии истеҳсолӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ тасвир шудааст (саҳ 10), нигоҳи нави илмиро ба таҳқиқи мушкилоти муосирии баҳисобгирии идоракунӣ ифода мекунад. Ҳамчунин амсилаи тинати баҳисобгирии идоракунии ба эътимод асосёфта (саҳ. 12), амсилаи пешбурди якҷояи намудҳои баҳисобгирӣ дар шароити 1С: ERP (саҳ. 18), ки муаллиф таҳия намудааст, аз нигоҳи илмӣ ҷолиб мебошанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ вазъи корбурди воситаҳои муосири рақамикунониро дар чанде аз корхонаҳои истеҳсолӣ таҳқиқ намуда (саҳ. 13), доир ба имконияти бастаи 1С: Бухгалтерия барои рушди баҳисобгирии идоракунӣ пешниҳодҳои арзишманд таҳия кардааст (саҳ. 14). Ба ақидаи муаллиф ҷанбаи муҳиме, ки бояд ба он диққати махсус дода шавад, ташкили дуруст ва роҳандозӣ намудани методикаи пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ бо истифодаи бастаи муайяни нармафзори баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад (саҳ. 15).

Аз мухтавои автореферат бармеояд, ки диссертасия дар баробари бартариҳои қайдгардида, инчунин баъзе камбудиҳо низ дорад, аз ҷумла:

1. Муаллиф дар саҳ. 15 автореферат қайд мекунад, ки дар якчанд корхонаҳо бо истифодаи таҷрибаи пешқадами хориҷии корбурди воситаҳои рақамикунонӣ сатҳи ташкилии баҳисобгирии идоракунӣ хеле баланд бардошта шудааст, вале мушаххас қайд нашудааст, ки маҳз дар бораи кадом

корхонаҳо сухан меравад ва кадом ҷиҳатҳои таҷрибаи хориҷӣ татбиқ шудаанд.

2. Дар саҳ. 20 оид ба корбурди воситаҳои муосири рақамикунонӣ дар баҳисобгирии идоракунии стратегӣ сухан ронда шуда, таъкид мешавад, ки онҳо набояд равандҳои тиҷоратии дар корхона амалкунандаро душвор гардонида, ба ҳаргуна нофаҳмиҳо ва паст шудани масъулияти кормандон боис шавад. Хуб мебуд, агар намунаи ҳолатҳои рух додани ин гуна нофаҳмиҳо низ нишон дода мешуданд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои қайдкардашуда муҳим нестанд. Онҳо ба баҳои мусбати умумии диссертатсия таъсир намерасонанд, эродҳои нисбат ба онҳо пешниҳодшуда тавсиявӣ мебошанд.

Хулосаи умумӣ, оид ба диссертатсия, ки дар асоси автореферати он таҳия шудааст, чунин аст:

Автореферати диссертатсия дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» муҳтавои асосии таҳқиқотро дар шакли мухтасар ифода карда, муқаррарот ва нуктаҳои асосии онро дар бар мегирад. Диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст) мувофиқ буда, муаллифи он Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин барои сазовор донистан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) арзанда аст.

**Муқарриз:**
**н.и.и. дотсенти кафедраи баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон** **Гадоев Д.О.**

Имзои Гадоев Д.О. - ро тасдиқ мекунам:
**Сардори Идораи кадрҳои ДСРТ** **Раҳимов А.А.**

03.01.2025

**(Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. М.Турсунзода 30. Тел: (+992) +37 221- 35-50, E-mail: p.rectora@mail.ru)**